Суратҷаласаи № 6

ҷаласаи муштараки кафедраҳои назария ва амалияи забонҳои хориҷӣ ва педагогика, психология ва рушди нерӯи инсонии Донишгоҳи давлатии Данғара

аз 28 марти соли 2020 ш.-ки Данғара

**Иштирок доштанд:** Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара, н. и. т., д.и.п Шоҳиён Н.Н., проректори илм ва татбиқот, н.и.к. Тағоева С.Э., декани факултети табиӣ-риёзӣ, педагогика ва рушди неруи инсонӣ, н.и.п., мудири кафедраи назария ва амалияи забонҳои хориҷӣ, н.и.ф. Самардинов Қ.Н., д.и.ф., профессор Ҳусейнзода Ф., д.и.п Гулмадов Ф., н.и.п. Котибова Ш., декани факултети лингвистика ва муоширати байнифарҳангӣ, н.и.ф., дотсент Қодиров Д. С., н.и.ф. Пирхонова Қ., саромӯзгор Бегиев И, ассистентон Маҳмадалиев Ф., Арабов Ф., Сафаров Х., Раҳимбекова М.

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. Баррасии рисолаи номзадии унвонҷӯй Ҳасанов Фарҳод Зикируллоевич барои дарёфти дараҷаи номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ дар мавзӯи «Шароитҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ».

Нахуст, мудири кафедраи назария ва амалияи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Данғара Самардинов Қурбон Наимович ҷаласаро кушода, ҳозиринро ба рисолаи илмии диссертант Ҳасанов Фарҳод Зикруллоевич дар мавзӯи «Шароитҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ» аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ шинос намуд. Сипас, сухан барои баромад ба диссертант Ҳасанов Ф.З. дар бораи сохтор, навгонии илмӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот он, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ дода шуд.

Мавсуф дар бораи интихоби мавзӯъ, мақсад ва ҳадафи кори илмии худ дар доираи вақти муайяншуда сухан гуфт. Аз суханронии ӯ маълум

гардид, ки рисолаи илмии ӯ аз муқаддима, 2 боб (иборат аз 8 фасл) ва хулосаву феҳрасти адабиёт иборат аст. Диссертант дар хусуси мундариҷа, сохтор ва муҳтавои кораш маълумоти мушаххас ироа намуд. Баъдан, саволҳо пешниҳод карда шудаанд, аз ҷониби д.и.п Гулмадов Ф., н.и.п. Котибова Ш., н.и.ф., дотсент Қодиров Д.С., д.и.ф., профессор Ҳусейнзода Ф. Ба ҳамаи саволҳои ирсол гардида диссертант посухҳои мушаххас пешниҳод намуд.

Баъдан, муҳокимаи рисола оғоз ёфт. Мудири шуъбаи баҳодиҳии сифати таҳсилоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон д.и.п. Гулмадов Ф. андешаҳои худро оид ба рисола арзёбӣ карда, изҳор намуд, ки рисола бо ин ки орӣ аз баъзе навоқис нест, аз нигоҳи куллӣ кори анҷомшуда ба ҳисоб меравад. Рисола дархури замон буда, ба талабот аст. Бемуҳобо, ҳар қисмате аз рисола, ба масоиле, ки дар худ дорад, шоистаи як кори номзадӣ аст. Диссертант тавонистааст аз таҳқиқи масоили дар наздаш гузошта шуда бароянд. Зимнан, таъкид карданд, ки дар рисола сактаи услуби илмӣ, ки махсуси сабки нигориши осори таҳқиқотӣ ба ҳисоб хоҳад рафт, ба назар мерасид.

Такрори баъзе аз ҷумлаҳо ва дар баъзе аз бобҳои рисола, – чунон ки н.и.п. Котибова Ш. қайд намуданд, аз нуқтаҳои дигаре буд, ки ҳусни корро костагӣ мегардонад. Дар ниҳояти суханони худ, д.и.п. Гултадов Ф. изҳор доштанд, ки рисолаи илмии диссертант Ҳасанов Ф.З. барои дарёфти дараҷаи номзадӣ сазовори пешниҳод кардан ба муҳокимаи минбаъда мебошад.

Қодиров Дилшод номзади илмҳои филология, декани факултети лингвистика ва муоширати байнифарҳангӣ ба баррасии рисолаи номзадии Ҳасанов Фарҳод Зикруллоевич пардохта, зикр намуд, ки рисола аз ҷиҳати мухтаво, банду баст, талабот ба навишти рисолаҳои илмӣ комилан мувофиқ аст. Дар рисола як силсила ғалатҳои имлоӣ, техникӣ, китобатӣ ва услубӣ мушоҳида мешавад, ки ислоҳи онҳо арзиши баланди рисоларо дучанд менамояд. Дар умум, рисола ба талаботи пешниҳод намудаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои навиштани рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, муаллифи он барои

сазовор шудан ба дараҷаи номзади илми педагогика аз рӯи ихтисосӣ 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ сазовор аст.

**Аз рӯйи масъалаи мазкур маҷлис қарор кард:**

1. Рисолаи илмии унвонҷӯи кафедраи назария ва амалияи забонҳои хориҷии факултети лингвистика ва муоширати байнифарҳангии Донишгоҳи давлатии Данғара, Ҳасанов Фарҳод Зикруллоевич зери унвони «Шароитҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ» аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳо ба зинаҳои минбаъдаи баррасӣ тавсия дода шавад.

2. Тамоми эродҳои дар муҳокимаи кафедраҳо нисбат ба рисолаи мазкур баррасигардида аз ҷониби унвонҷӯй бартараф карда шавад.

Раискунанда: н. и. ф., дотсент,
декани факултети лингвистика
ва муоширати байнифарҳангӣ — Қодиров Д.С.

Мудири кафедраи педагогика,
психология ва рушди нерӯи инсонӣ — Набиев Ҷ.Ғ.

Котиб: н.и.ф. мудири кафедраи
назария ва амалияи забонҳои хориҷии
Донишгоҳи давлатии Данғара — Самардинов Қ.Н.

Тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Данғара — Ҷабборӣ Н.Ҷ.